# ХУЛОСАИ

кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи “Модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (Нусха аз суратмаҷлиси №2-и маҷлиси кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14.09.2022).

## ИШТИРОК ДОШТАНД:

Мудири кафедраи сотсиология, н.и.ф., дотсент Миров Ф.С., Узви вобастаи АМИТ, д.и.с., профессор Шоисматуллоев Ш.; н.и.ф., дотсент Баҳромбеков В.А.; н.и.с., дотсент Насурова Б.А.; муаллимони калони кафедра: н.и.ф., Комилова М.Д., н.и.с., Таваллоев М.Т., Абдуллоева М.А., Барфиев А.М.; ассисентони кафедра: Бобохонова Н., Шоев Н.С., Муҳаммадқодири Н., Ахмедова У.Б., Марамов Р.Д., Умаров Т.Ҳ., Нурматова А.М., Салимова Ш.Т.; лаборанти кафедра: Ниязова П.П.

**ШУНИДА ШУД:** Муҳокимаи диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи “Модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ.

**ДАР БАРОМАДИ ХУД** довталаби дараҷаи илмӣ Элмуродова Давлатбӣ Анваровна мубрамияти мавзӯъро асоснок намуд, мақсад ва вазифаҳои диссертатсияро муайян кард, асосҳои назариявӣ ва методологии корро тавсиф намуд, навгониҳо, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсиониро нишон дод.

**БАРОМАД КАРДАНД:** мудири кафедраи сотсиология, н.и.ф., дотсент Миров Ф.С., н.и.ф., дотсент Баҳромбеков В.А., н.и.с., муаллими калон Таваллоев М.Т., н.и.ф., дотсент Насурова Б.А. ва н.и.ф., муаллими калон Комилова М.Д.

Баромадкунандагон қайд карданд, ки диссертатсия дар маҷмӯъ мақсад ва вазифаҳои дарпешгузоштаи диссертантро ошкор намуда, дорои навгониҳо мебошад. Диссертатсия бо дараҷаи баланди методологӣ ва амалии таҳлили масъалаҳои маргиналият дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон фарқ менамояд. Ҳамаи пешниҳодот ва нуктаҳои илмӣ, хулосаю тавсияҳо асоснок буда, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ тасдиқ шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Баромадкунандагон қайд карданд, ки диссертатсия пас аз муҳокимаи аввал ҷиддӣ дида баромада шуда, коркард гардидааст. Ҳамаи баромадкунандагон диссертатсияро барои баррасӣ ба экспертизаи

марҳилаи навбатӣ тавсия намуданд. Пас аз муҳокимаи диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна

**КАФЕДРАИ СОТСИОЛОГИЯ ҚАРОР БАРОВАРД:**

1. Матни хулосаи дар зер овардашуда қабул карда шавад
2. Диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи “Модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (роҳбари илмӣ, д.и.с., профессор Шоисматуллоев Ш.). дуруст барасмият даровардa шудааст ва барои экспертизаи марҳилаи навбатӣ ба Шӯрои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**ХУЛОСА**

оид ба тадқиқоти диссертатсионии Элмуродова Давлатбӣ Анваровна

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ, паҳншавии арзишҳои асосии раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккулёбии воситаҳои замонавии иртиботӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бевосита ва ё бавосита ба муносибатҳои нави оилавӣ ва сохтори анъанавии оила таъсири худро мерасонанд. Дар баробари дигаргуниҳои мусбати оилавӣ як қатор падидаҳои номатлуб низ, мисли ноустувор гаштани муносибатҳои оилавӣ афзудани ҳолати ҷудошавии ҳамсарон, зиёд шудани каҷрафториҳо дар оила, заиф гардидани таълиму тарбияи оилавӣ, афзудани шумораи оилаҳои нопурра ва модарони танҳо дар сатҳи зарурӣ иҷро нашудани вазифаҳои анъанавии оила ва дигар зуҳуротҳои хатарзо ба мушоҳида мерасанд.

Падидаҳои иҷтимоие, ки солҳои охир дар оилаҳои муосири Тоҷикистон паҳн мегарданд, зиёд шудани шумораи модарони танҳо ва оилаҳои нопурра мебошад. Мафҳуми «модари танҳо» ба маънои ҳуқуқӣ ба занҳое нисбат дода мешавад, ки кӯдакдор ҳастанд, аммо дар ақди никоҳи марде қарор надоранд ва ё падари кӯдак муайян карда нашудааст, падари биологӣ барои модару фарзандаш ягон масъулият надорад, зан барои мавқеи «модари танҳо» кумакпулии давлатӣ мегирад. Яъне, модари танҳо занест, ки кӯдак ё кӯдакони худро бе шавҳар ё саробонии мард нигоҳубин менамояд. Оилаи нопурра чунин намуди оилае мебошад, ки дар он бо сабаби қатъи ақди никоҳ, фавт ё дигар сабабҳо яке аз ҳамсарон зиндагонӣ намекунад, масъулияти тарбияи фарзандон ба уҳдаи яке аз волидайн афтодааст.

Мувофиқи мушоҳидаҳо пас аз қатъ гардидани ақди никоҳ фарзандон ба тарбияи модарони танҳо мемонанд ва оилаи нопурра пайдо мегардад. Дар Тоҷикистон оилаҳои нопуррае, ки дар меҳвари он падарон ва фарзандон қарор доранд, хело кам ба мушоҳида мерасанд. Модарони танҳо дар оилаҳои нопурра ба як қатор масъалаҳои мураккаб

рӯ ба рӯ мегарданд, зеро онҳо маҷбуранд, ки ба танҳои масъулияти таълиму тарбияи фарзандонро ба уҳдаи худ гиранд, ҳамзамон барои таъминоти иқтисодии оила ва фарзандон баробари мардон ба кори берун аз оила машғул шаванд. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ маълум мегардад, ки аксарияти модарони танҳо пас аз ҷудо шудан аз шавҳарони худ хеле ҷавон буда, касбу ҳунар ва малакаҳои касбии зарурӣ надоранд, ҳуқуқу озодиҳо ва имтиёзҳои қонунии хешро намедонанд. Онҳо ба шароити нави ҳаёти худ зуд мутобиқ шуда натавониста, ба ҳолати ногувори равонӣ ва вазъи мушкили ҳаётӣ гирифтор мегарданд.

Албатта, модарони танҳое кам нестанд, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолият ба бомуваффақиятҳои назаррас ноил мегарданд, пас аз раҳои ёфтан аз бумбасти оилавӣ ва фишори шавҳари собиқи худ зуд малакаю қобилиятҳои худро истифода бурда, ба дастоварҳои шахсию касбӣ мерсанд, барои фарзандони худ шароитҳои мусоиди таълиму тарбия ва рушдро муҳайё мегардонанд, вазифаҳои модарии худро дар сатҳи баланд ва босифат иҷро мекунанд. Яъне вазъи модарони танҳо дар оилаҳои нопурра пеш аз ҳама аз шароити иҷтимоӣ, сифатҳои шахсӣ ва рӯҳию ахлоқии онҳо вобастагии калон дорад.

Дар оилаҳои нопурра бештари вақти модарони танҳо ба кори берун аз оила ва кор кардани маблағи муайян барои таъминоти иқтисодии фарзандон мегузарад, ки дар натиҷа фарзандон аз назорат ва тарбияи доимӣ дур мемонанд. Баъдан, аксарияти гурӯҳи модарони танҳоро занҳои ҷавон ташкил медиҳанд, ки одатан онҳо ҳануз таҷрибаи кофии ҳаёти мустақилона ва малакаҳои тарбияи фарзандонро надоранд. Аксарияти онҳо бармаҳал ва хело ҷавон оиладор шуда, таҳсилоти тахассусӣ надоранд, бо нерӯи шахсии худ мустақилона зиндагонии худро пеш бурда наметавонанд. Ин омилҳо ба таври амиқ ба рафтори модарони танҳо ва муносибати онҳо ба кӯдакон таъсир мерасонанд.

Аз таҳлилҳои болои маълум мегардад, ки дар Тоҷикистон афзоиши оилаҳои нопурра ва модарони танҳо яке аз масъалаҳои ҷиддию ҳалталаби иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, давлат ва ниҳодҳои алоҳидаи ҷомеаро ба ташвиш овардааст. Ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо ҳамчун табақаи эҳтиёҷманди ҷомеа ва муқаррар намудани имтиёзҳои бештари иҷтимоӣ барои муътадил гардонидани ҳаёту фаъолияти онҳо дар шароити муосир ба зарурати ногузир табдил ёфтааст.

Дар доираи тадқиқот тасмим гирифта шудааст, ки ҳолат, омилҳои пайдоишу паҳншавӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои оилаҳои нопурра ва модарони танҳо мавриди омӯзиш, муҳокима ва таҳлил қарор гирад. Омӯзиши ин масъала аз он ҷиҳат мубрам аст, ки оид ба ин мавзуъ дар доираи равиши сотсиологӣ бо назардошти шароити Тоҷикистон аз ҷониби донишмандону ҷомеашиносони тоҷик тадқиқоти пурраю фарогире ба анҷом расонида нашудааст.

Ҳамзамон, таҳқиқи ин мавзуъ барои муайян намудани масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии оилаҳои нопурраи Тоҷикистон ва модарони танҳо, ҳолати иҷтимоишавии фарзандон дар муҳити оилаҳои нопурра, оқибатҳои номатлуби мушкилоти модарони танҳо, пешгирии паҳншавии оилаҳои нопурра дар Тоҷикистон ва тақвият додани сиёсати иҷтимоии давлат дар самти дастгирии модарони танҳо ва муқаррар намудани имтиёзҳои давлати нисбати онҳо мусоидат карда метавонад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқоти диссертатсионӣ.** Дар доираи тақиқоти мазкур як қатор методҳо ва равишҳои умумиилмию соҳавӣ, мисли методҳои диалектикӣ, таҳлилу таҷзия, муқоисанамоӣ, хулосабарорӣ, умумиятдиҳӣ, равишҳои илмии низои иҷтимоӣ, функсионализми сохторӣ, равиши системавӣ ва принсипи таърихият истифода шудаанд. Барои омӯзиши мавзуи диссертатсия методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳида, муқоиса, пурсиши сотсиологӣ васеъ истифода гардидаанд. Ҳамзамон навиштани диссертатсия сарчашмаҳои гуногуни ахборотӣ, мисли адабиёти илмӣ ва таълимӣ, диссертатсияҳо ва авторефератҳои ҷомеашиносони ватанӣ ва хориҷӣ, натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва оморӣ, мақолаҳои илмӣ, маводҳои интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои илмӣ таҳқиқ гардидаанд.

**Заминаҳои эмпирикии тадқиқоти диссертатсиониро** тадқиқотҳои сотсиологии дар заминаи кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидашуда, инчунин маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва далелҳои мансуб ба адабиёти илмии соҳавӣ ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологии гузаронидашуда, ки дар онҳо методҳои сотсиологии сифатӣ ва миқдорӣ истифода шудаанд, тавассути методҳои коркарди оморӣ, барномаҳои махсуси компютерӣ коркард ва таҳлил гардиданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи таҳиянамудаи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна ба шиносномаи ихтисоси Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005 – 6D050100 – Сотсиология барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Навгониҳои илмии тадқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти бунёдии илмӣ бо равиши сотсиологӣ дар бораи модарӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ мебошад, ки дар ҷанбаҳои зерин таҷассум ёфтааст:

– аввалин маротиба дар илми сотсиологияи Тоҷикистон зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон таҳқиқ

гардида, назарияҳо ва равишҳои илмии он мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифт;

- хусусиятҳои хоси зуҳуроти модарӣ вобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи муосири Тоҷикистон дида баромада шуда, раванди тағйирёбии мақом ва нақши иҷтимоии модарӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт;
- дар раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии пайдоишу паҳншавии оилаҳои нопурра ва модарони танҳо, инчунин масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тарбиявӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии модарони танҳо дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон муайян карда шуда, мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд;
- вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ механизмҳои иҷтимоишавии кӯдакону наврасон дар шароити оилаҳои нопурра ва таъсири рафтори модарони танҳо ба таълиму тарбияи фарзандон нишон дода шуданд;
- дар раванди омӯзишу таҳлили мавзуи диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурра, бартараф намудани мушкилоти раванди иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурра ва беҳтар намудани вазъи зиндагии модарони танҳо дар оилаҳои нопурра низоми чорабиниҳо ва тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки** мавод, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро ҳангоми кор карда баромадани сиёсати иҷтимоии давлатӣ оид ба масъалаҳои оила, модарӣ, кӯдакон, омода намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барои кор карда баромадани сиёсати демографӣ, шуғлмандии занон, ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо ва оилаҳои нопурра ва дигар масъалаҳои оилаҳои нопурра истифода бурдан имконпазир мебошад. Омӯзиши маводи диссертатсия барои муайян, баррасӣ ва пешбинӣ кардани хусусиятҳои зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурра, инчунин пешгирии паҳншавии оилаҳои нопурра ва модарони танҳо аз аҳамият холӣ нест.

**Аҳамияти амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки** натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионро ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми таълими курсҳои «Сотсиологияи гендерӣ», «Сотсиологияи оила», «Сотсиологияи шахс», «Сотсиологияи таълимот» ва «Сотсиологияи каҷрафтории иҷтимоӣ» васеъ истифода бурдан мумкин аст. Муҳаққиқон ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологии ба ин мавзуъ марбут, ҳангоми навиштани рисолаҳои номзадӣ, магистрӣ ва дипломӣ аз маводи рисолаи диссертатсионӣ васеъ истифода бурда метавонанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ,

маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар иштирок ва гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ тасдиқ карда мешаванд. Муҳаққиқ шахсан дар тадқиқотҳои сотсиологӣ иштирок намуда, аз натиҷаҳои бадастомадаи ин тадқиқотҳо дар навиштани диссертатсияи номзадии худ самаранок истифода бурдааст.

## ТАВСИЯИ ДИССЕРТАТСИЯ БА ҲИМОЯ

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Элмуродова Давлатбӣ Анваровна тадқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад, бо мубрамият ва навгониҳо фарқ менамояд. Мақсад ва вазифаҳое, ки диссертант дар назди худ гузоштааст, иҷро гардидаанд ва натиҷаҳою хулосаҳои бадастомада асоснок мебошанд. Натиҷаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия барои кормандони илмӣ муфид ва муҳим буда метавонанд. Муаллиф ҳангоми навиштани диссертатсия донишҳои амиқи тахассусӣ, маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилнамоӣ, қобилияти баланди мустақилона гузаронидани тадқиқоти илмиро нишон додааст. Корҳои нашрнамуда ва автореферати муаллиф мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи “Модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи Тоҷикистони муосир” ба талаботҳое, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадӣ муқаррар намудааст, ҷавобгӯ буда, мазмуни он ба ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи “Модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (роҳбари илмӣ, д.и.с., профессор Шоисматуллоев Ш.). дуруст барасмият доварда шудааст ва барои экспертизаи марҳилаи навбатӣ ба Шӯрои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Раиси маҷлис:** мудири кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои фалсафа, дотсент **Миров Ф.С.**

**Котиби маҷлис:** ассистенти кафедра **Муҳаммадқодири Н.**